Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Мавлонов Шаҳзод Олимович дар мавзӯи «Хусусиятҳои сохторию маънoии ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Таҳлилу баррасӣ намудани масъалаҳои мубрам ва афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ яке аз самтҳои муҳимму доманадор маҳсуб ёфта, муҳаққиқонро водор месозад, ки дар заминаи собиқаи таърихӣ ва дастовардҳои мондагор ба пажӯҳиши ин самтҳо пайваста сайъу талош намоянд. Дар ин раванд дар илми забоншиносии муосири тоҷик низ таҳлилу баррасӣ намудани мавзуъҳои мубрами камомӯхташуда яке аз вазифаҳои асосии олимону муҳаққиқон ба шумор меравад.

Таҳқиқоти диссертатсионии **Мавлонов Шаҳзод Олимович дар мавзӯи «Хусусиятҳои сохторию маънoии ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** ба яке аз самтҳои муҳимми камомӯхташудаи забоншиносии муқоисавӣ бахшида шуда, ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) **мутобиқат** менамояд.

**Мабрамияти мавзуъ** дар он зоҳир гардидааст, ки дар шароити муосири тараққиёти рақобатноки ҷомеаи башар, бахусус дар ҷодаи илм, сиёсат ва иқтисод, калиди муваффақияту тараққиёт тавассути муносибату ҳамкориҳои илмиву таълимӣ ба даст меояд, ки ин бе омӯзиш ва донистани он

забонҳои хориҷие, ки забони ягонаи илми муосиранд, мушкил аст. Тадқиқоти муқоисавии забонҳои англисиву тоҷикӣ аз ин талаботи ҷомеа сарчашма гирифта, такмили таълим ва омӯзиши онро ба таваҷҷуҳи кормандони илму маориф гузоштааст. Барои ҷавоб додан ба ин талаботи бамиёномада фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои Миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз санаи 04.04.2003 с. ва қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 02.12.2003 с. заминаи асосӣ мебошанд. Муҳиммияти дигар ин омӯзиши муқоисавии забонҳо чун омили рушди тадқиқоти забоншиносии муосири тоҷик аст, ки дар партави он на танҳо паҳлуҳои омӯхтанашуда ва баҳсноки забони тоҷикӣ равшан карда мешаванд, балки ҷанбаҳои қиёсиву типологии низоми синтаксисиву семантикии забонҳои гуногунсистема, муаммои пурбаҳси ҷумла, бахусус ҷумлаҳои номиву унвонӣ, баррасӣ гардида, зимни ин усулҳои таълиму омӯзиш ва тарҷума ба ҳар ду забон такмил дода мешаванд. Ба ақидаи муаллиф, ҷумла чун воҳиди асосии забон ҳанӯз шарҳи пурраи худро наёфта, пайваста мавриди баҳсу талошҳои мухталиф қарор дорад. Дар ин қатор, ҷумлаҳои номии унвонӣ дар забоншиносии англис ва тоҷик то ҳол ҳамчун як мавзуи алоҳида мавриди тадқиқоти диссертатсионӣ нагардидаанд, ки баррасии асарҳои илмӣ ва рисолаву дастурҳои методии ҳар ду забон аз ин шаҳодат медиҳанд. Бахусус, аз нигоҳи мантиқиву грамматикӣ бисёр паҳлуҳои ин ҳодисаи синтаксисӣ ҳанӯз ҳам комилан омӯхта нашудаанд. Ин асосан ба мушкилоти зиёде вобаста аст, ки дар ҷараёни омӯзиши синтаксис пеш меоянд, зеро синтаксис як қисмати ҳаҷман бузургу воқеан муҳимми забон буда, бо дигар зинаҳои забон, чун морфологияву луғат ва мантиқу услубшиносӣ, робитаи ногусастанӣ дорад, ки ин таснифоти онро хеле душвор мегардонад. Ҷумлаҳои унвонӣ яке аз онҳоянд.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо барномаҳои самтҳои филологӣ, махсусан ба “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2019)” алоқаи ногусастанӣ дорад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур метавонад барои давом бахшидани чунин тадқиқот оид ба баррасии муқоисавӣ ва типологии ҷумлаҳои унвонӣ бо дигар забонҳои гуногуннизом замина гузорад. Ғайр аз ин, рисолаи мазкур метавонад ҳамчун як сарчашмаи илмии мукаммалтари омӯзиши хоси ҷумлаҳои унвонӣ барои муҳаққиқон, омӯзгорон, магистрантон ва донишҷуён барои муқоиса ва баррасии рангорангӣ ва табиати мухталифи ҷумлаҳои унвонӣ ва омӯхтану таҳлили онҳо дар асоси маводи асили забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва дарёфтани муносибатҳои таркибиву нақшӣ ва семантикии онҳо кумаку саҳми назаррас гузорад. Имконияти он ҳам ҳаст, ки натиҷаҳои кори мазкур дар омӯзиши ҳодисаҳои шабеҳи ин масъала дар забонҳои гуногунсохт истифода шаванд. Натиҷаҳои кор, инчунин, чун сарчашмаи илмӣ барои иншои рисолаҳои хатму магистрӣ ва диссертатсияҳову мақолаҳои илмӣ аз аҳамият холӣ нахоҳанд буд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки маводи мазкур дар таҳия ва тартиби дастуру маводи таълимӣ ва методӣ аз ду забон метавонад ба кор ояд. Ғайр аз ин, ин мисолҳоро дар ҷараёни дарсҳои амаливу назарии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, бахусус, дар қисмати таълими ҷумла ва хоса ҷумлаҳои сода, ҷумлаҳои яктаркиба васеъ истифода намудан мумкин аст. Инчунин, натиҷаву хулосаҳои корро барои коркарди курсҳои махсус оид ба грамматикаи амалӣ ва грамматикаи функсионалии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, назария ва амалияи тарҷума, ва ҳамчунин барои таълими забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ барои хориҷиён чӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чӣ дар хориҷи кишвар метавон истифода бурд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он аст, ки диссертант аввалин бор кӯшиш намудааст, ки  оид ба баррасии алоҳидаву хоси масъалаи воситаҳои забонии ифодаи ҷумлаҳои унвонӣ бо забони давлатии тоҷикӣ дар забони англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи муқоисавӣ ва типологӣ  пажуҳиши илмӣ ба анҷом расонад. Дар ҷараёни таҳқиқот, мақоми категориалии ҷумлаҳои унвонӣ дар тавсифу баёни дигар воҳидҳои синтаксисии ҳар ду забон муқаррар карда шуда, хусусиятҳои сохторӣ ва

нақшиву маъноии ин воҳидҳо аз нуқтаи назари низоми байни ду забон ва дар ҳар забон ҷудогона таҳлилу баррасӣ ва зина ба зина муфассалан тавсифу тафсир ёфтаанд. Ҷумлаҳои мазкур вобаста ба хусусиятҳои интенсионаливу нақшӣ, вазифа, ҷузъиёти таркибӣ, семантикӣ ва баъзе ҷиҳатҳои тафовутнок ва шабеҳи онҳо тасниф ва мураттаб карда шудаанд. Ҳамчунин, фарқи байни ҷумлаҳои унвонӣ аз дигар намудҳои ҷумлаҳои бефеъл батафсил баён карда шуда, дар ҳамин замина, ҷумлаҳои унвонӣ, ҷумлаҳои бефеъл ва ҷумлаҳои нопурра муқоиса ва бо далелҳо шарҳу тафсир карда шудаанд. Зимни ин муқоиса намудҳои нави сохтмонӣ ва нақшиву маъноии ҷумлаҳои унвонӣ ва бефеъл маълуму мушаххас гардида, қолабҳои нави ҷумласозии ҷумлаҳои унвонӣ дар ҳар ду забони мавриди муқоиса дарёфт карда шудаанд. Мақому мавқеи нақшиву маъноии ҷумлаҳои унвонӣ дар низоми ҷумлаҳои номии забони англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст масъалаи воситаҳои забонии ифодаи ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи муқоисавӣ мавриди таҳқиқоти махсус қарор дода шуда, хусусиятҳои сохтмониву нақшӣ ва маъноии онҳо дар забонҳои мавриди назар баррасӣ гардидаанд. Маводи назариявӣ ва амалии ҷамъоваринамудаи тадқиқот хеле боарзиш буда, барои ҳалли як қатор масъалаҳои мавҷудаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик саҳми арзанда мегузорад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст.

Муаллиф дар муқаддима тибқи талаботи муқарраршудаи таълифи диссертатсия нуктаҳои асосие, ки қисмати дастгоҳи илмии таҳқиқотро комил мегардонад, шарҳу тавзеҳ додааст.

Дар боби аввали диссертатсия “Масъалаҳои умумии назарии тадқиқоти ҷумлаҳои унвонӣ дар доираи ҷумлаҳои яктаркиба дар забоншиносӣ”

масоили назариявӣ ва методологӣ баён гардидаанд, ки дар раванди таҳқиқот онҳоро муҳаққиқ ба асос гирифтааст.

Дар зербоби якум "Асосҳои назарии тадқиқот ва баррасии андешаҳои забоншиносон оид ба ҷумлаҳои унвонӣ дар доираи ҷумлаҳои яктаркиба дар забоншиносӣ" асосҳову заминаҳои назарии тадқиқот, хусусият, меъёр, аломатҳо ва муаммоҳои ҷумлаҳои яктаркиба, унвонӣ, номӣ ба таври умумӣ дар забоншиносӣ баррасӣ шудаанд.

Дар зербоби дуюм, ки **"Тавсифоти умумии ҷумлаҳои унвонӣ дар низоми ҷумлаҳои яктаркиба дар забоншиносӣ"** унвон дорад, хусусиятҳои алломорфиву изоморфии ҷумлаҳои унвонӣ бо ҷумлаҳои яктаркиба, дутаркиба ва номӣ нишон дода шудаанд.

Дар зербоби сеюм **"Таснифоти ҷумлаҳои унвонӣ дар ҳудуди ҷумлаҳои яктаркиба дар забоншиносӣ"** ҷумлаҳои унвонӣ дар доираи ҷумлаҳои яктаркиба шарҳ дода шуда, мувофиқи хусусиятҳои ба худ хосашон тасниф гардидаанд. Дар ин қисмати рисола инчунин истифодаи ҷумлаҳои номӣ дар забонҳои гуногуни дунё таҳлил гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **"Таҳлили муқоисавии хусусиятҳои таркибӣ ва нақшиву маъноии ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ"** мавқеи ҷумлаҳои унвониро дар низоми ҷумлаҳои яктаркиба муайян намуда, хусусиятҳои грамматикӣ ва нақшиву маъноии онҳоро дар забони англисӣ ва тоҷикӣ таҳлилу баррасӣ намудааст.

Дар зербоби якуми боби дуюми диссертатсия **"Ҷумлаҳои унвонӣ дар низоми ҷумлаҳои яктаркибаи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ"** мақом ва мавқеи ҷумлаҳои унвонӣ чун категорияи забонии ифодаи мавҷудият дар низоми ҷумлаҳои яктаркибаи ҳар ду забон муайян гардида, хусусиятҳои монанду фарқкунандаи онҳо аз воҳидҳои номии яктаркибаву дутаркиба, бофеълу бефеъл, хулласу тафсилӣ, пурраву нопурра ва тахфифшуда, ки аксаран бо ҳам омехта карда мешаванд, таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Дар зербоби дуюм **"Таҳлили хусусиятҳои грамматикии ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ"** сохти яктаркиба ва хусусияти

морфологии ифодаи предикативият доштани ҷумлаҳои унвонӣ баррасӣ гардидааст.

Зербоби сеюм **“Баррасии хусусиятҳои нақшиву маъноии ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** унвон дошта, дар он вобаста ба маъно ва нақшашон ҷумлаҳои унвонӣ тасниф гардидаанд.

Диссертант ҷумлаҳои унвониро аз ҷиҳати нақшу маънояшон, ки олами моддӣ, ҷисмӣ (органикӣ, зинда) ё равониро тасвиру баён менамоянд, ба ду намуди нақшиву маъноии ифодакунандаи **мавҷудияти моддиву ҷисмӣ ва равонӣ** ҷудо намудааст.

Ҳамин тавр, ҳар бобу фасли таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои омиқу мушаххаси илмӣ ҷамъбаст гардида, масъалаҳои матраҳшуда ҳалли худро ёфтаанд.

Хулосаи диссертатсия ҷамъи ақидаву натиҷаҳои таҳқиқ буда, дар он тавсияҳои муаҳаққиқ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо баён шудаанд, ки он бешак ба рушди забоншиносии муосир муосидат менамояд.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба мавзуъ 10 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон КОА-и Федератсияи Россия ба чоп расонидааст.

Бо вуҷуди дастоварду муваффақиятҳо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ чунин камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Муаллиф дар зербоби дуюми боби аввал бештар ба ақидаи олимони рус аз қабили А.А. Шахматов, В.В.Виноградов такя намудааст. Хуб мешуд, агар ақидаи олимони ватаниро зиёдтар рӯйи қалам меовард, кор ранги дигар мегирифт;
2. Дар автореферати диссертатсия мисолҳо камтар оварда шудааст. Агар диссертант ақидаҳои худро бо мисолҳои бештар исбот менамуд, ба манфиати кор мебуд;
3. Дар диссертатсия ва автореферат нишон додани натиҷаҳои таҳқиқ дар диаграмма ва ё гистограмма сифати корро меафзуд;

4. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Мавриди зикр аст, ки камбудиҳои мазкур характери тавсиявӣ дошта, мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии кори диссертатсиониро коста намекунанд ва дар сурати ислоҳи онҳо қимати кор боз ҳам хубтар хоҳад шуд.

Автореферати дисертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, ба талабот ҷавобгӯй аст.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии **Мавлонов Шаҳзод Олимович дар мавзӯи «Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** кори илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он **сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)** мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои филологӣ,
саромӯзгори кафедраи курси амалии
забони англисӣ факултети забони англисӣ
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав **Нурова Мусаввар Бахтиёровна**

Имзои Нурова М.Б.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси муассисаи
давлатии таълимии "Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав" **Исозода Тоҷиддин Исо**
**«26» августи соли 2024**

**Суроға:** 735140 ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел.: (83222) 2-48-63; 2-22-53
Email: ktsu78@mail.ru
Сомона: http://www.ktsu.edu.tj

**26.08.2024 сол**